ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич дар мавзуи ««Садои мардум» – ҳамчун нашрияи парламентӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ. – Душанбе, 2026. – 187 с.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Дар фаъолияти амалии рӯзноманигории тоҷик журналистикаи парлумонӣ нисбатан ҷавон аст. Ҳарчанд Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон қаблан амал мекард, аммо зуҳури аввалин нашрияи парлумонӣ дар замони бозсозӣ сурат гирифтааст. Албатта, қаблан «Ахбори маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» нашр мегардид, аммо он хусусияти оммавӣ надошт. То нашри аввали нашрияи парумонии Тоҷикистон, дар рӯзномаю маҷаллаҳо мухбирони парламентӣ пайдо шуданд. Агар ба таърихи қариб 90-солаи парламенти Тоҷикистон назар афканем ба осонӣ мефаҳмем, ки дар оммавӣ гардонидани муқаррарот, усулҳо, шаклу услубҳои журналистикаи парлумонӣ матбуоти даврӣ нақш гузоштааст. Пайгирӣ кардани баёни андешаи вакилон, дарки паёми аслии суханронии онҳо, ёддошт намудан ва ба таври холисона инъикос кардани иттилоот то хонанда, аз ҷумлаи муҳимтарин малакаҳои тахассусии журналисти парламентӣ маҳсуб меёбанд. Журналистикаи парламентӣ ба маънои мушаххас, яъне мустақим – журналистикаи худи парламент аст, яъне воситаҳои ахбори омма, ки муассиси он парламент мебошад. Ба мисли рӯзномаи «Садои мардум», маҷаллаи «Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барномаи телевизионии «Соати парлумонӣ» ва ғ..

Диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич ба мавзуи тоза ва муҳим бахшида шудааст. Таҳқиқи таърихи таъсис, рушд ва фаъолияти парлумонии «Садои мардум» ва саҳми он дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва таҳкими арзишҳои демократӣ аҳаммияти назаррас дошта, таҳқиқи он дар шароити кунунии ҷаҳонишавӣ ва дигаргуниҳои иттилоотӣ саривақтӣ ва зарурӣ мебошад. Интихоби мавзуъ бо талаботи рушди илми журналистика ва зарурати омузиши таҷрибаи эҷодии рӯзноманигорони тоҷик дар замони истиқлол комилан мутобиқ мебошад ва аз **аҳаммияти вижаи илмӣ** бархурдор аст.

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси ,илмӣ. Диссертатсия масъалаҳои назария, амалия ва таърихи матбуоти даврии парлумониро дар Тоҷикистон дар бар мегирад. Мавзуъ нисбатан фарох ва амиқ дар се самти муҳим: омилҳои таърихӣ ва иҷтимоии таъсиси нашрия, вижагиҳои шакливу мундариҷавӣ ва тарроҳии ороишии рӯзнома ва нақши жанрҳои публитсистӣ дар инъикоси воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ таҳқиқ шудааст. Ба ин мазмун, мавзуи таҳқиқ ба доираи масъалаҳои пешбининамудаи шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.22. Рӯзноманигорӣ комилан **мувофиқат менамояд.**

Навгонии илмии диссертатсия дар он аст, ки диссертант бори аввал омилҳои таъсис ва марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввули нашрияи парлумонии «Садои мардум»-ро мавриди таҳқиқи бонизом қарор дода, вижагиҳои мундариҷавӣ, шаклӣ ва ороишии онро дар иртибот бо воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии замон муайян намудааст ва ба ин васила нақши рӯзномаро дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва инъикоси воқеиятҳои сиёсӣ ба таври муфассал арзёбӣ ва таносуби жанрҳои хабарӣ ва таҳлилиро дар фаъолияти он таҳлилу натиҷагирӣ кардааст.

Унвонҷӯ нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро дар 4 банд пешниҳод намудааст, ки муҳтавои фаслу бобҳороро инъикос карда, дар самти шинохту таҳқиқи нақши нашрияи парлумонии «Садои мардум» дар шаклгирӣ ва таҳаввули матбуоти касбӣ аҳаммияти илмӣ доранд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он асоснок карда мешаванд, ки дар диссертатсия аз дастовардҳои илмӣ ва осори назарии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба ҳадди зарурӣ истифода гардида, маълумоту сарчашмаҳо асосан мушаххасанд. Ҳамчунин, ҳаҷми маводди таҳқиқ, коркарди натиҷаҳо ва теъдоди маводди чопшуда дар мавзуи диссертатсия ба талаботи мавҷуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мувофиқат менамоянд. **Хулоса ва тавсияҳо** боэътимод буда, дурнамои мавзуъҳои таҳқиқии марбут ба нашрияи «Садои мардум» ҳамчун нашрияи парламентӣ дуруст муайян шудааст.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Диссертатсияи тақризшаванда аз аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, 3 боб, 7 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри

таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия таркиб ёфта, ҳаҷми умумии он аз 187 саҳифаи чопи компютерӣ иборат мебошад. Дар фаслу бобҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқӣ, истинод бар маъхазҳо, муҳокимаю бардоштҳо ва хулосаҳо ба назар мерасанд.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия ҳамаи зербахшҳои зарурӣ тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия таҳия ва манзур шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия, ки «Омилҳои пайдоиш ва ташаккули нашрияи «Садои мардум» ном дорад, баррасии заминаҳои сиёсиву фарҳангии замони бозсозӣ, омили таъсиси нашрияи «Садои мардум» ва раванди ташаккул ва таҳаввули онро фаро мегирад.

Дар фаслҳои ин боб **«Вазъи сиёсиву фарҳангии замони бозсозӣ ҳамчун омили таъсиси нашрия»** ва **«Марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввули рӯзномаи «Садои мардум» (пас аз Истиқлоли давлатии Тоҷикистон)»** муаллиф масъалаҳоро бо риояи мантиқ, низом ва иртибот бо вазъ ва руҳи замони бозсозӣ ва соҳибистиқлолии кишвар музокира намуда, равандҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангиеро, ки ба таъсис, нашр ва ташаккули рӯзнома таъсир расонидаанд, таҳлилу арзёбӣ кардааст.

Муаллиф дар рафти таҳқиқи ин масъалаҳо аз манбаъҳои гуногун ва назариёти замонавӣ истифода карда, муҳимтарин омилҳои таъсиррасон дар таъсис ва ташаккулу инкишофи нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Садои мардум»-ро мушаххас кардааст. Мавод ва далелу асноди истифодашуда муътамад буда, барои шинохти ҳувияти нашрия ва нақши он дар тарғибу ташфиқи қонқнқ қарорҳо, ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар солҳои гуногун иттилооти хуби илмиро фароҳам меорад.

Ҷиҳати ҷолиби ин боб, ба хусус фасли дуюм дар он аст, ки ҷунвончӯ араёни ташаккул ва таҳаввули нашрияи «Садои мардум» дар се марҳала: солҳои 1991-2000, 2000-2010 ва аз 2010 то ба имрӯз ҷудо намуда, хусусиятҳои умумӣ ва хоси ҳар як марҳаларо муайян ва таҳлилу арзёбӣ намудааст.

Дар боби дуюми кори диссертатсионӣ «Вижагиҳои шаклию мундариҷавии нашрия» мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф бо таҳлили сохтор ва мазмуни матолиби нашрия нишон додааст, ки «Садои

мардум» на танҳо инъикоскунадаи воқеиёти сиёсӣ, фаъолияти парлумон, балки ҳамчун як минбари муҳим барои ифодаи афкори ҷамъиятӣ ва инъикоси раванди ислоҳоти сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар баромад мекунад. Ба мушоҳидаи диссертант, «таҷрибаи рӯзномаи парлумонии «Садои мардум» аз бисёр ҷиҳат қобили мулоҳиза буда, он дар тули фаъолияти беш аз сисолааш танҳо ба ороиши моҳиятнок ва суварӣ пойбанд будааст, ки ин тамоюли ҳунарӣ, пеш аз ҳама, муҳтавои таъсиргузор ва равоншиносона дошта, хусусияти ҳирфаии сохтори ороишӣ ва дизайнии ин нашрияро дар таносуби комил бо мундариҷаи он муайян ва мушаххас менамояд» (дисс., с. 44). Муаллифи диссертатсия вижагиҳошакливу ороишии нашрияро бо таҳлили мисолу намунаҳо муайян намуда, бо ин роҳ собит сохтааст, ки ороиш ва дизайн ҳамчун ҷузъи таркибии сохтори мундариҷавӣ ва шаклӣ барои ҷолиб ва муассир гардонидани он мусоидат кардааст.

Дар **фасли дуюми боби дуюм** диссертант аввал мундариҷаи нашрияро аз нигоҳи мавзуъ ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, сипас бо таҳлилу баррасиҳои илмӣ вижагиҳои матолиби ҳар гуруҳро муайян кардааст. Ӯ дуруст хулоса кардааст, ки «Дар ҳамаи марҳалаҳои фаъолият рӯзнома ба ороиши моҳиятнок ва суварӣ пойбанд буда, ин тамоюли ҳунарӣ, пеш аз ҳама, дар ташаккул ва таҳаввули сохтори мундариҷавию шаклии нашрия таъсиргузор будааст» (дисс., с. 62). Зимнан, зарур ба таъкид аст, ки унвонҷӯ бо равиши илмӣ ва таҳлилӣ тавонистааст хулосаҳои саҳеҳ ва асоснок ба даст оварад, ки онҳо метавонанд барои таҳқиқҳои минбаъда дар соҳаи рӯзноманигории тоҷик заминаи боэътимод фароҳам созанд.

Дар боби сеюми диссертатсия таҳти унвони **«Таносуби жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Садои мардум»»** ҷанбаҳои муҳими сохтори дохилии нашрия ва нақши жанрҳои гуногун дар инъикоси воқеиятҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа таҳлил шудааст. Диссертант ба таври равшан нишон додааст, ки рӯзномаи «Садои мардум» бо таваҷҷуҳ ба хусусияти нашрия, рӯйдодҳои муҳими замон ва эҳтиёҷоти хонанда жанрҳои публитсистиро мутобиқ ба тақозои замон инкишоф додааст.

Таҳлилҳои муаллиф дар бораи жанрҳои хабарӣ нишон медиҳад, ки ин гуруҳи жанрҳои публитсистӣ ҳамчун унсури асосии иттилоърасонӣ дар рӯзнома мавқеи хос доранд ва воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоии муҳими рӯз бо дақиқӣ, саҳеҳият дар қолаби ин жанрҳо шарҳ ва инъикос ёфтаанд.

Дар фасли дуюми боби сеюм диссертант роҳу василаҳои истифодаи жанрҳои таҳлилиро дар заминаи шарҳу тавзеҳ ва баррасии масъалаҳои гуногуни сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мавриди баррасӣ қарор дода, ба ин васила хусусиятҳои жанрии матолиби гуногунро муайян ва имконоти жанрҳои публитсистӣ, ба хусус мақоларо дар арзёбии сиёсати давлатӣ возеҳ баён намудааст.

Фасли сеюми боби сеюм **«Муаррифии корномаи шахс дар жанрҳои лавҳаву очерк»** дорои хусусияти вижа буда, аз он шаҳодат медиҳад, ки «Садои мардум» бо истифода аз ин жанрҳо на танҳо дастовардҳо ва корномаи шоистаи шахсиятҳои маъруфи иҷтимоӣ ва сиёсиро муаррифӣ менамояд, балки дар ташаккули арзишҳои миллию иҷтимоӣ нақши фаъол мебозад.

Унвончӯ бо таҳлилу баррасии лавҳаҳо ва очеркҳои рӯзномаи «Садои мардум» вижагиҳои жанрӣ, сохторӣ ва таносуби воқеияту бадеият дар ин жанрҳоро муайян карда, собит намудааст, ки омилҳои инъикосу тасвир ва бозтоби фаъолияти намуна ва шоистаи ашхоси баруманд дар матолиби нашрия, дар заминаи воқеиятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол сурат гирифтааст.

Таҳлили мисолҳои мушаххас ва истинод ба маводди аслӣ кори довталаби дараҷаи илмиро ҷолиб ва боварибахш гардонидааст.

Хулосаи диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллифро фаро гирифта, дар 20 банд фароҳам омадааст ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст. Хулосаҳо дар заминаи баррасии мавзуи меҳварӣ ва муҳтавои фаслу бобҳои диссертатсия ба вуҷуд омадаанд.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия. Аҳаммияти илмии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки маводди диссертатсия, натиҷаҳо ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани паҳлуҳои гуногуни фаъолияти нашрияи парламентии «Садои мардум», мазмуну муҳтаво, хусусиятҳои шаклию сохторӣ, арзёбии маҳорати рӯзноманигорон дар истифодаи қолабҳои жанрӣ ба унвончӯёну довталабони дараҷаҳои илмӣ ва

магистрантону донишҷӯён ҳамчун маводди назариявии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Султонов Муҳамадато доир ба мавзуи таҳқиқ 6 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст, ки муҳтавои асосии диссертатсияро фаро мегиранд. Маводди интишоргардида арзиши баланди илмӣ дошта, аз қобилияту дарки пажуҳишии унвонҷӯ дарак медиҳанд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия. Диссертатсия ва автореферат мутобиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошанд.

Бо вуҷуди арзиши баланди илмии диссертатсия, баъзе нуктаҳо ҷиҳати такмил пешниҳод мешаванд:

1. Боби якуми диссертатсия ба талаботи илмӣ ҷавобгӯ буда, аз ҷиҳати таҳлил, услуб ва тартиб низ бо меъёрҳои корҳои илмии муосир мутобиқат мекунад. Аммо мумкин буд ба нақши «Садои мардум» дар ташаккули муҳити демократӣ ва гуногунандешӣ дар давраи аввали Истиқлоли давлатӣ диққати бештар равона кард.

2. Бо вуҷуди ҷанбаҳои мусбат, таҳлили баъзе ҷанбаҳои қиёсӣ (масалан, муқоисаи динамикаи ороишу саҳҳофӣ бо дигар нашрияҳои ҳамзамон) ё муқоисаи хусусиятҳои хоси услуби ва жанрии солҳои мухталифи фаъолияти рӯзнома метавонист таҳқиқотро боз ҳам пурратар ва фарогиртар гардонад.

3. Дар таҳлили вижагиҳои тарроҳӣ ва ороиш, ба имконоти визуалии муосир бештар таваҷҷуҳ кардан мумкин буд.

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Хулоса, диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич дар мавзуи дар мавзуи ««Садои мардум» – ҳамчун нашрияи парламентӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои филологӣ,
саромӯзгори кафедраи рӯзноманигории
факултети филологияи тоҷики
МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав” Расулзода К. Б.
« » октябри соли 2026

Суроға:
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел.: (+992) 93-703-23-23.
E-mail: komronjon.tj@mail.ru

Имзои Расулзода Комрон Бахтиёрро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Исҳоқзода М.М.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Телефон: 8(3222)2-54-81, 2-22-53;
E-mail: bgu-1978@mail.ru;
сомона: www.btsu.tj
«___» октябри соли 2026.